# Номаи бародарона (2)

[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية]

Таълиф: Холид ибни Ҳаддуб ал-Муҳайдиб

**Тарҷума,таҳияи ва изофаҳои зиёдати:**

**Амирҳамзаи Ҳомиди Ҳанафи**

2011 - 1432

IslamHouse.com

# رسالة أخوية (٢)

«باللغة الطاجيكية»

تأليف: خالد بن هدوب المهيدب

ترجمة وتعليق وإضافات جديدة: أمير حمزة حامد الحنفي

2011 - 1432

IslamHouse.com

Ривоят шуда аст ки Мансур ибни Аммор аз ҷояш бархеста мардумро ба ҷиҳод дар роҳи Худо ташвиқу тарғиб намуд,  ва дар миёни онон зане буд ки варақеро ба тарафи Мансур андохт, ки дар он варақ чунин навишта буд: Э ибни Аммор дидам ки мардумро ба ҷиҳод дар роҳи Худо ташвиқ мекуни ва ман ҷуз  гесуи муям дигар чизе надорам  ва онро бароят андохтам  пас туро ба Худо қасам медиҳам ки онро пойбанди яке аз аспҳои муҷоҳидин қарор диҳи, то инки шояд Худо манро раҳм кунад.

Ва то ки варақро хонд маҷсид ба ларза даромад ва мардум ба гиря афтоданд ва таҳти таъсири сухани он зан қарор гирифтанд.

Дар ҳолеки мо дар беҳтарин ҳолат ва неъматҳо зиндаги мекунем. Пас ҳар яке мо ва шумо аз худ суол кунем ки чизе дар роҳи Худо ва барои муҳтоҷон садақа кардаем? Расули Худо мефармояд:

من مات ولم يغز ولم يحدث نفسه بغزو مات على شعبة من نفاق (مسلم).

Тарҷума: "Касеки бимирад ва ҷиҳод накунад, ва дар фикри ҷиҳод ҳам набошад, дар шуъбае аз нифоқ аз дунё рафта аст" ( Муслим)

Худованд касонеро ки дар роҳи у нафақа ва садақа мекунанд ситоиш ва мадҳ намуда мефармояд:

قَالَ تَعَالَىٰ: ﴿مَّثَلُ ٱلَّذِينَ يُنفِقُونَ أَمۡوَٰلَهُمۡ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ كَمَثَلِ حَبَّةٍ أَنۢبَتَتۡ سَبۡعَ سَنَابِلَ فِي كُلِّ سُنۢبُلَةٖ مِّاْئَةُ حَبَّةٖۗ وَٱللَّهُ يُضَٰعِفُ لِمَن يَشَآءُۚ وَٱللَّهُ وَٰسِعٌ عَلِيمٌ ٢٦١﴾ البقرة: ٢٦١

"Мисоли ононеки молашонро дар роҳи Худо нафақа менамоянд, мисоли донае аст ки аз у ҳафт хуша сабз шавад, ва дар ҳар хуша сад дона (яне ҳафсад дона) ва Худованд барои касеки хоҳад ин миқдорро дучанд мегардонад ва Худованд соҳиби раҳмати бе мунтаҳо аст, ва ба ҳамаи чиз иҳотаи комил дорад" (Бақара 261).

11) Аз муомилаҳои рибоги (прасент) парҳез кун, хоҳ аз тарафи банк бошад ва ё аз тарафи ашхос, ё аз тарафи ширкатҳои саҳмия гузор, ки машкук ба назар мераванд. Инчунин аз фойдаҳое ки аз роҳи фурухтани чизҳои ҳаром ба даст меояд, монанди: нушокиҳои спирти, сигор, асбоби мусиқи, наворҳои мусиқи, ва видёҳо ва чизҳои дигареки

Худо ва расулаш онро ҳаром гардонида аст, парҳез кун: расули Худо мефармояд:

كل جسد نبت من سحت فالنار أولى به (البخاري).

Тарҷума: "Ҳар ҷасадеки аз ҳаром рушд карда аст (нашъунамо ёфта аст) оташи ҷаҳаннам барои у шоистатар ва сазовортар аст". (Бухори).

12) Ба руза гирифтани се руз аз ҳар моҳ худро одат деҳ ва онҳам рузҳои биз (сафед) аст, яъне: рузҳои сафед ва равшан ки онҳо рузҳои (13,14,15) аз ҳар моҳ мебошанд. Чунонеки аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р.з) ривоят аст, ки расули Худо фармуданд:

"صوم ثلاثة أيام من كل شهر،صوم الدهر كله" (متفق عليه).

"Рузаи се руз аз ҳар моҳ муқобили даҳр аст, яъне абади аст" (Мутафақун алайҳи)

(Яне касеки аз ҳар моҳ се рузро руза гирад ки он се руз рузҳои биз бошанд гуё ки тамоми вақт рузадор буда аст, яъне савоби рузаи абадиро соҳиб мешавад.)

Инчунин аз расули Худо собит шуда аст ки: Ҳар моҳ се рӯзи аз онро бидуни таҳдид руза мегирифт

(яъне се рузи ҳар моҳ бе муъаян кардан ба инки кадом рузаш бошад, хоҳ аз аввали моҳ бошад ва ё аз васати моҳ ва ё инки аз охираш руза мегирифт).

Аз Муъозаи Адави ривоят аст ки аз модари муъминон ҳазрати Оиша (р.з) пурсид: Оё расули Худо аз ҳар моҳ се рузро руза мегирифт? Ҳазрати Оиша гуфт: Бале. Муозаи Адави гуфт: Кадом рӯзҳои моҳро руза мегирифт? Ҳазрати Оиша гуфт: Аҳамият намедод ки кадом рузи моҳро руза бигирад. (яъне аз аввали моҳ ҳам мегирифт, ва аз васат ва охираш ҳам мегирифт) (Муслим). Яъне: барояш фарқе намекард ки кадом рузи аз моҳро бигирад. Пас фаҳмида мешавад ки муъаян ва муҳаддад кардани рузҳои руза мегирифтаги дар ҳар моҳ шарт нест, муҳим ин аст ки аз ҳар моҳ се рузаш руза гирифта шавад.

13) Рӯза гирифтани ин рузҳо аз ту фавт нашаванд:

Рузҳои: 1- Душанбе ва панҷшанбе, чигунаеки дар ҳадис омада аст расули Худо фармуданд:

"تعرض الأعمال يوم الاثنين والخميس فأحب أن يعرض عملي وأنا صائم"

(سنن الترمذي حديث رقم ٥٩٦).

"Амалҳо рузҳои душанбе ва панҷшанбе (бар Худованд) арз ва пешкаш мешаванд, ман дӯст дорам ки амалам дар ҳоли рузадор буданам арз ва пешкаш шавад" Тирмизи 596.

2- Рузи Ошуро:

عن أبي قتادة أن رسول الله – صلى الله عليه وسلم – سئل عن صوم يوم عاشوراء، فقال: يكفر السنة الماضية (مسلم).

"Аз Абу Қатода ривоят аст ки расули Худо аз рузаи рузи ошуро пурсида шуд: Ӯ фармуд: "Рӯза гирифтани он (рузи ошуро) каффораи соли гузашта аст" (Муслим)

Яъне руза гирифтани ин руз гуноҳони як соли гузаштаро каффора ва пок мекунад (гуноҳони сағираро) (Аммо гуноҳони кабираро инсон бояд тавба намуда аз он боз гардад).

Ва як рӯз қабл ё баъди рузи ошурoро ҳамроҳаш руза бигир. Расули худо (с) инро ҳам иршод фармудаанд.

3-Рузаи рузи Арафа: барои касеки дар Арафот набошад, ( барои ғайри ҳоҷиён).

عن أبي قتادة أن رسول اله – صلى الله عليه وسلم – سئل عن صيام يوم عرفة فقال: يكفر السنة الماضية والباقية (مسلم) .

"Абу Қатода мегуяд: Расули Худо аз рузаи рузи Арафа пурсида шуд? Гуфт: Боиси (сабаби) кафораи гуноҳони соли гузашта ва оянда мешавад" ( Муслим).

4-Руза гирифтани шаш рузи моҳи шаввол баъди моҳи рамазон:

عن أبي أيوب قال : قال رسول الله – صلى الله عليه وسلم – من صام رمضان ثم اتبعه ستا من شوال كان كصيام الدهر (مسلم والأربعة).

Аз Абу Аюуб ривоят аст ки гуфт: Расули Худо(с) фармуданд: "Касеки рамазонро руза бигирад ва ба думболи он шаш рузи аз моҳи шавволро руза бигирад гуё ки ҳамаи даҳрро руза гирифта аст" (Муслим ва чаҳоргона).

14) Аз анҷом додани умра дар моҳи мубораки рамазон дареғ маварз.

"عمرة في رمضان تعدل حجة" (البخاري وأحمد وابن ماجة) .

Чунки расули Худо мефармояд: "Умра дар моҳи рамазон савоби як ҳаҷро дорад" (Бухори, Аҳмад ва ибни Моҷаҳ).

15) Агар қудрат ва иститоъати ҳаҷ рафтанро дошта боши, пас бишитоб ва таъхир макун,зеро аз Али (рз) ривоят аст ки гуфт: Касеки қудрати ҳаҷ рафтанро дорад, вале ҳаҷ намекунад пас муҳим нест ки у бар кадом миллат бимирад яҳуди бимирад ё насрони. (Аз ин гуфтаи ҳазрати Али (рз) бар меояд ки касе қудрати ҳаҷ рафтанро дорад ва ҳаҷ намекунад муртакиби гуноҳони бузург шуда аст, зеро у мегуяд дигар дар кадом дин ё миллат мурдани у муҳим нест, хоҳ дар дини яҳуди бимирад ва ё дар дини насрони.

Пас барои ҳар як нафареки қудрати пули ва моли дорад барои ҳаҷ рафтан, фарз мегардад ки ин ибодати бузургро адо намояд ва дар ғайри ин у муртакиби гуноҳи бузурге шуда аст).

Ва расули Худо мефармояд:

"تعجلوا إلى الحج – يعني الفريضة – فإن أحدكم لا يدري ما يعرض له" (أحمد).

"Дар рафтан ба суи ҳаҷ биштобед (яъне ҳаҷи фарзи), зеро ҳеҷ кадом аз шумо намедонад ки дар оянда ба у чи мешавад" (Аҳмад).

16) Суннате вуҷуд дорад ки бисёри мардум аз он ғофил ҳастанд, ва он суннат "эътикоф нишастан дар масҷид" мебошад.

Ва хусусан дар даҳ рузи охири моҳи рамазон, зеро Пайғамбари Худо (с) дар ҳаёти худ бар ин амал мудовамат ва мувозабат мекарданд.

Имом Муҳаммад ибни Шиҳоби Зуҳри мегуяд: " Кори мардум аҷиб аст, чигуна эътикофро тарк кардаанд, дар ҳолеки Расули Худо баъзе аз корҳоро анҷом медоданд ва дар баъзе ҳолатҳо онро тарк мекарданд, магар эътикофро, ки онро то охири умри муборакашон тарк накардаанд.

Аз ҷумлаи далилҳое мудовамати Пайғамбари Худоро (с) бар эътикоф таъйид мекунад ҳадиси модари муъминон Ойша (р.з) аст ки мефармояд:

كان رسول الله صلى الله عليه وسلم يعتكف العشر الأخير من رمضان حتى توفاه الله واعتكف أزواجه من بعده (متفق عليه).

"Расули Худо даҳаи охири рамазонро то расидани вафоташон эътикоф менишастанд, ва ҳамсарони Ӯ баъди вафоташ эътикоф нишастанд" (Муттафақун алайҳи).

Инчунин аз Анас ибни Молик (р.з) ривоят аст ки гуфт: "Расули Худо (с) дар даҳаи охири рамазон эътикоф менишастанд, дар яке аз солҳо эътикоф нанишастанд, вақтеки соли оянда рамазон омад бист руз эътикоф нишастанд".

Ин аҳодиси гузашта далолат бар муҳим будани эътикоф мекунанд, ки расули Худо (с) онро тарк намекард.

Ва аз ҳадиси Анас фаҳмида мешавад ки як солеро ки тарк намуда буд дар соли оянда онро баҷой овард.

17) Бо хешу табор ва наздикони худ силаи раҳмро ба ҷой биёр агар чандеки онҳо бо ту силаи раҳмро қатъ карда бошанд, ва бидон ки силаи раҳм бо хешу табор ва наздикон бар арши Худованд овезон аст, чигунаеки русули Худо мефармояд:

"لا يدخل الجنة قاطع" (متفق عليه).

"Қатъ кунанда( қатъкунандаи силаи раҳм) дохили биҳишт намешавад" (Муттафақун алайҳ).

Яъне касеки силаи раҳмро қатъ мекунад аз даромадани биҳишт маҳрум мешавад.

18) Як қисми аз рузҳоро хос барои тиловати Қуръон хондан қарор деҳ, то инки ақалан дар як моҳ якбор Қуръонро хатм карда тавони.

Яъне агар ҳар руз як пора аз Қуръонро тиловат намои метавони ки дар як моҳ онро хатм куни. Ва агар имконияти зиёдтар хондан бошад боз хубтар аст, зеро хондани Қуръон савоби зиёде дорад. Ва барои ҳар як ҳарфи хондагиат Худованд бароят даҳ савоб медиҳад.

19) Ҳазрати Умар ибни Хаттоб (р,з) дар мавриди дустони хуб ва неку сухани хубе мефармояд.

Ӯ мефармояд: "Баъд аз ислом беҳтарин чизе ки ба бандаи мусалмон дода мешавад бародари солеҳ ва покдоман аст"

Пас агар ингуна дусти неку бародари солеҳе пайдо карди уро аз даст мадеҳ.

Боз мефарояд: Агар дар роҳи Худо намерафтам ва ё пешониямро барои Худо дар хок намегузоштам,

ва ё бо некрафтору мардуми солеҳ ва некрафтору хушгуфтор наменишастам, дуст доштам ки дар ин дунё набудам ва ба Худованд пайваста будам.

Шоире мегуяд:

أنت في الناس تقاس    بالذي اخترت خليلا

فاصحب الأخيار تعلو    وتنل ذكرا جميلا

Шоир мегуяд: Ту бо мардуме муқоиса мешави ки бо онҳо дӯст ва ёвар шудаи,

Пас некукорон ва покдоманонро ба рифқату суҳбати худ ихтиёр кун то сарбаланд шави, ва дар миёни мардум номи накуро ба даст овари.

Худованд касонеро ки барои Худо дӯсти ва ё бародари доранд таърифу тавсиф намуда мефармояд:

قَالَ تَعَالَىٰ: ﴿ ٱلْأَخِلَّآءُ يَوْمَئِذِۭ بَعْضُهُمْ لِبَعْضٍ عَدُوٌّ إِلَّا ٱلْمُتَّقِينَ ٦٧ ﴾ الزخرف: ٦٧

"Дар он руз (рузи қиёмат) дустон ҳама ба ҳамдигар душман ҳастанд магар муттақиён".

Вақте рузи қиёмат меояд, ҳама дӯстон ва бародарони дунёи ба ҳамдигар душман хоҳанд буд, ва он дӯсти ва муҳаббату маваддат ба душмани табдил табдил хоҳад шуд, зеро дӯстии

онҳо барои Худо набуд ва шояд дар маъсияти Худо буд, Аммо муттақиён ва некукорон ки дӯстияшон барои Худо буд ва амри ба маъруф ва наҳйи аз мункар мекарданд пас муҳаббат ва дӯстии онҳо боқи хоҳад монд, балки муҳаббат ва дӯстии онҳо зиёдтар хоҳад шуд бар хилофи касонеки дустии онҳо барои  шаҳватрони  ва маъсияти Худованд бошад.

Ибни Касир дар тафсири ин оят мефармояд: Ҳамагуна дӯсти ва садоқат рузи қиёмат табдил ба душмани мегардад, магар онеки  хос барои Худо бошад, зеро ингуна дӯсти доимо аст.

Баъзе аз муфассирин калимаи "Муттақиён"-ро дӯсти кунандагон барои Худо тафсир намудаанд.

Пас кушиш кун ки дӯстони хубу некро пайдо намуда бахотири Худо бо онҳо дӯсти намои.

20) Бар касонеки мешиноси ва касонеки намешиноси салом деҳ, зеро расули Худо (с) мефармояд:

"لا تدخلوا الجنة حتى تؤمنوا ولا تؤمنوا حتى تحابوا أولا أدلكم على شيء إذا فعلتموه تحاببتم، أفشوا السلام بينكم" ( مسلم).

"Ба биҳишт дохил намешавед то инки эмон биёваред ва эмон намеоред то инки ҳамдигарро дӯст доред ва бо ҳамдигар муҳаббат  кунед, оё шуморо ба чизе роҳнаои кунам ки агар онро анҷом диҳед ҳамдигарро дӯст хоҳед дошт? Миёни ҳамдигар саломро ифшо паҳн намоед" (Муслим).

(Яъне ба ҳамдигар салом диҳед, бо шинос ва ношинос.)

21)  Бишитоб ва даҳ ояти аввали сураи Каҳфро ҳифз намо,  зеро расули Худо (с) мефармояд:

"من حفظ عشر آيات من أول سورة الكهف عصم من الدجال" (مسلم وأحمد وأبو داود  والنسائي).

"Касеки даҳ ояти аввали сураи каҳфро ҳифз намояд, Худованд уро аз фитнаи Даҷҷол эмин ва маҳфуз нигоҳ медорад" (Муслим, Аҳмад ва Абудовуд ва Насои).

22)  Сураи Мулкро бояд ҳифз намои, зеро расули Худо (с) мефармояд:

"إن سورة من كتاب الله ما هي إلا ثلاثون آية شفعت لرجل حتى غفر له، تبارك الذي بيده الملك" (متفق عليه).

"Ҳақиқатан сурае аз китоби Худованд аст ки фақат дорои 30 оят аст, дар мавриди марде шафоъат кард то ки гуноҳонаш ба сабаби ҳифзи ин сура бахшида шуд, ва он сураи" Таборакаллази биядиҳил мулк" аст "(Муттуфақун алайҳ).

23) Кушиш кун ки дар ҳамаи корҳоят тобеъ ва пайрави суннати расули Худо боши, ва дар баҷо овардани суннатҳои Пайғамбари Худо (с) сусти макун.

Расули Худо мефармояд:

"كل أمتي يدخلون الجنة إلا من أبى، قيل: ومن يأبى يا رسول الله؟ قال: من أطاعني دخل الجنة، ومن عاني دخل النار" (البخاري).

"Ҳамаи уммати ман дохили биҳишт мешаванд магар касеки худи у аз дохил шудан ба биҳишт имтиноъ ва дури варзад, Гуфтанд: Ва чи касе аз дохил шудани биҳишт дури меварзад? Расули Худо (с) фармуданд: Касеки аз ман итоат кунад дохили биҳишт мешавад, ва касеки аз ман нофармони кунад у касе аст ки худ дохил шудани биҳиштро нахоста аст" (Бухори).

24) Мавзӯи тасвир ва суратгириро сабук ва кучак машумор, магар суратеки ба у ҳоҷат ва зарурат дошта боши.

Аз сурат гирифтан ва ҷамъ кардан ва овезон кардани он дар хона ё ҷои кори худ худдори намо, зеро дар ин бора наҳйи шадиде ворид шуда аст.

Аз Абдулоҳ ибни Умар ривоят шуда аст ки Расули Худо (с) фармуданд: "Касонеки ин суратҳоро месозанд рузи қиёмат азоб дода мешаванд, ва ба онҳо гуфта мешавад, он чизеки сохтаед ва халқ кардаед зинда кунед" (Маттафаун алайҳ).

Дар ҷои дигар аз Абу Талҳаи ансори ривоят аст ки Расули Худо (с) мефармояд: "Фариштагон ба хонаеки дар он сурат ва ё саг вуҷуд дорад дохил намешаванд" (Муттафақун алайҳ).

Лозим ба ёдоварист ки ин аҳодиси зикр шуда дар бораи суратҳое аст ки  дар он рух ва ҷон вуҷуд дорад ва онҳо ҳаракат мекунанд, мисли инсон, ҳайвон ва паранда.

Аммо сурати манзараҳо мисли дарахтон гулҳо ва ғайра дар ин аҳодис дохил намешаванд.

Пас кушиш кун ки аз ин амалҳо худдори намои.